# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2025. - 65 саҳ.

Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур ба баррасии масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, ки яке аз самтҳои муҳими таърихи ҳуқуқи тоҷикон мебошад бахшида шуда, «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» номгузорӣ гардидааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф нахсутин таҳқиқоти маҷмуӣ доир ба масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавии тоҷикон аз аҳди қадим то замони соҳибистиқлолӣ буда, дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ, махсусан, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва ҳуқуқи инсон таҳқиқоти нав ба ҳисоб меравад.

Муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дорои меъёрҳои пурарзиш ва таҷрибаи бойи ҳуқуқӣ мебошад. Маҳз бо ҳамин сабаб ба омӯзиши таърихи муносибатҳои оилавии тоҷикон дар баробари олимони ватанӣ, инчунин олимони хориҷӣ низ таваҷҷуҳ намудаанд. Метавон гуфт, ки омӯзиши ҳуқуқи оилавии тоҷикон дар давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ, қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ ва муосир дар ҳалли як қатор мушкилиҳои мавҷуда дар муносибатҳои оилавии имрӯза аз ҷумла, таъмини устувории оилаҳо, тарбияи дурусти фарзандон, пешгирии вайроншавии оилаҳо таъсири мусбати худро мерасонад.

Рушди илму технология ва бархурди тамаддунҳо дар баробари дигар соҳаҳо ба муносибатҳои оилавӣ низ таъсири худро расонида истодааст ва ин ҳолат моро ба мушкилотҳои навӣ оилавӣ рӯ ба рӯ

намудааст, ки зарур аст ҷиҳати ҳалли ин мушкилиҳо, таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода шуда, роҳҳои ҳалли он пешбинӣ гардад. Омӯзиши таърихи ҳуқуқи оилавии тоҷикон ва бедор намудани худшиносии милливу шинохти фарҳанги оилавии гузаштагони худ, дар роҳи ҳифзи оилаҳо аз парокандашавӣ, пешгирии бегонапарастии ҷавонон дар муносибатҳои оилавӣ, таълиму тарбияи дурусти фарзандон накши хеле созгор дорад.

Доир ба зарурати омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ шуруъ аз аҳди кадим то имрӯз муаллиф дуруст қайд менамояд, ки мубрамияти проблемаҳои инкишофи муносибатҳои соҳаи хукуки оилавӣ дар таърихи ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқии муосири халқи қадимаи тоҷик, ки аз назари ғоявӣ ва ахлоқию ҳуқуқӣ дар пояи баланди танзим қарор доштанд, бешак аён аст. Омӯзиш ва таҳлили ин паҳнои арзишҳои ҳуқуқӣ, дар ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулёфтаистодаи Тоҷикистон, ки маҳз оила дар он накши марказиро мебозад, мубрамияти боз ҳам бештарро касб менамояд. (саҳ. 7).

Ҳангоми анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ба таҳлили масъалаҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ ба монанди бастани акди никоҳ, додани талоқ, моликияти ҳамсарон, шартҳои бастани акди никоҳ, фарзандхондӣ, маҳрамҳо, навъҳои никоҳ ва талоқ, ухдадориҳои алиментдиҳӣ, аҳдномаи никоҳ, сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва хусусиятҳои онҳо, ҳуқуқу ухдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар, масъалияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд бештар таваҷҷуҳ намудааст. Инчунин, дар рафти анҷом додани таҳқиқот бо мақсади таҳлили ҳамаҷонибаи танзим ва ташаккули муносибатҳои оилавӣ аз нахустсарчашмаҳо, асарҳои мутафаккирони асрҳои миёна, олимони ватаниву хориҷӣ ва қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ ва муосир васеъ истифода намудааст.

Муаллиф дар автореферат 8 нуктаи илмиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки ҳамаи онҳо қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисораҳо, муқаддима, 5 боб ва 14 зербобҳои мувофиқ, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ иборат мебошад.

Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия муаллиф бисту ҳашт мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла нуздаҳ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва нуҳ мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст.

Ҷанбаҳои мусбати рисола хеле зиёданд, вале баъзе масъалаҳои норавшан низ дида мешаванд.

Муаллиф дар автореферат зикр намудааст, ки «Дар Тоҷикистони шуравӣ як муддат дуализми ҳуқуқӣ расман амал намуда, муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ҳам бо меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, тибқи урфу одатҳо (аслан дар деҳот ва маҳаллаҳои кӯҳистон) ва ҳам бо қонунгузории давлатӣ (дар шаҳрҳо) танзим мегардиданд». Вале муайян накардааст, ки дар асоси кадом санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ дуализми ҳуқуқӣ расман эътироф гардида буд ва он кадом солҳо амал мекард. Ба назари мо муайян намудани сарчашмаи эътирофкунанда ва солҳои амали дуализми ҳуқуқӣ аҳаммияти худро дорад.

Аммо ин эрод ҷузъӣ буда, ба мазмуну моҳияти диссертатсия таъсир намерасонад ва аҳаммияти илмии онро коста намегардонад.

Дар маҷмуъ, кори илмии Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва ҳуқуқи инсон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриздиҳанда:

Қодирзода Т.Қ. —ходими пешбари
илмии шуъбаи масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти
давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.ҳ., дотсент
Почтаи электронӣ: t.kodirzoda@mail.ru Қодирзода Т.Қ.

Имзои "Қодирзода Т.Қ"-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти давлат
ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон Давлатмуродзода Б.Д.
Сана "10." 03. 2026

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ
Тел. (+99237) 2 21 65 72